Тақризи

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзуи **«Ташаккули ҳисси табиатдӯсӣ ва рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Муаллифи рисолаи илмӣ Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси биология, муаллими фанни биология хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ аз соли 2002 оғоз гардида, то имрӯз идома ёфта истодааст. Қӯзиева Р.М. дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзандаи худро гузоштааст ва то ҳол гузошта истодааст. Ӯ солҳои 2002-2007 ба ҳайси омӯзгор аз фанни биология дар мактаби миёнаи №18-и ноҳияи Фархор, солҳои 2008-2010, омӯзгори фанни биологияи литсейи касбии хизмат ва туризми ш. Душанбе, солҳои 2010-2014 омӯзгори фанни биологияи мактаби миёнаи №50-и ш. Душанбе ва аз сентябри соли 2014 то имрӯз ба ҳайси саромӯзгори кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор ва фаъолият менамояд. Аз 20.01.2015,тахти №22-05 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 13.00.01.-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дохил шуда, онро 05.01.2018, таҳти № 06-05 хатм намудааст.

Дар раванди кор, аспирант худро масъулиятнок нишон дода, тамоми супоришҳои аз ҷониби роҳбари илмӣ додашударо бо муваффақият иҷро намудааст. Инчунин, худро дар таҳқиқотҳои илмӣ, ихтисосманди пуртаҷриба нишон додааст. Боиси қайд аст, ки Қӯзиева Р.М. дар анҷом додани корҳои илмӣ қобилияти хуб нишон дода, аз маводи зиёди баландмазмун истифода бурдааст. Аз рӯи натиҷаҳои ба

дастовардашуда якчанд мақолаҳои илмиро ба таб расонидааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баровардааст.

Кори диссертатсионии Қӯзиева Раънгул Мирмуҳамадовна кори ба анҷомрасида мебошад, ки дар иҷрои он саҳми бевоситаи худи муаллиф назаррас аст ва он аз нуқтаи назари илмӣ баландмазмун мебошад. Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои илмӣ ҳал карда шудаанд ва он барои рушди соҳаи педагогика аҳамияти бағоят бузург дорад.

Муаллиф худро корманди босалоҳият, бошуур ва обрӯманд нишон додааст. Вай дорои сифатҳои зарурии касбӣ буда, майл ба таҳқиқотҳои илмӣ дорад. Дар умум Қӯзиева Р. М.-ро метавонем ҳамчун корманди илмии пуртаҷриба ва пурмаҳсул тавсия диҳем, ки қобилият дорад масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ба осонӣ иҷро намояд, ҳамзамон ӯ бобати ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика арзанда аст.

Кори диссертатсионӣ ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва он барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор ; Миралӣзода А.М.

Нишонӣ: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
тел.(+992-37) 227-15-10.E mail: tnu.tj@gmail com

Имзои Миралӣзода А.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.